Навиди донишгоҳ 5.2021:Layout 1 29.04.2021 9:40 Page 1

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад.

НАВИДИ ДОНИШГОҲ

Оғози нашр: 01.03.2014

Моҳномаи филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара, майи соли 2021, №5 (85)

САБАҚИ БУЗУРГИ ОМӮХТАНӢ

Аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ 80 солу ғалабаи халқи шӯравӣ дар он 76 сол сипарӣ гардид. Ҷомеашиносон ва сиёсатмадорони ҷаҳон Ҷанги Бузурги Ватаниро, аз як тараф, мудҳиштарин воқеаи асри ХХ арзёбӣ карда бошанд, аз тарафи дигар, ғалабаи халқи шӯравӣ аз болои фашизмро исботи он медонанд, ки агар халқу миллатҳо ба ҳам дӯсту тифоқ бошанд, ҳалли мушкилтарин муаммо ҳам бароянд. Маҳз ҳисси баланди ватандӯстӣ, эҳтиром ба сарзамине, ки дар он ба дунё омадааанду аз самими қалб дӯсташ медоранд, ҳамдигарфаҳмию ваҳдат ҳидоятгар ва раҳбару роҳнамои мардум дар роҳи ғалаба гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд кардааанд, ки корнамоиҳои бузурги халқи шӯравӣ, аз ҷумла ҳамватанони мо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ асрҳои аср барои ҳар як фарди ватандӯст ҳамчун сабаки бузурги омӯхтанӣ боқӣ хоҳад монд. Мо бояд дар вуҷуди насли ҷавон ҳисси эҳтиромро нисбат ба Ватану миллат, корнамоиҳои ҷовидонаи падарони шуҳратманд бедор кунем, онро пай дар пай таҳвият бахшем. Онҳо дарк кунанд, ки Ватан неъмати бузург асту онро бо тамоми ҳастӣ, бо ҷону дил бояд дӯст дошт. Ватан – модарро бо ягон чизи дунё иваз кардан мумкин нест.

Дар набардҳои ҷонфидоиву мардонагӣ, шуҷоатмандиву далерии солҳои 1941-1945 беш аз чор ҳазор нафар ҳамдиёрони мо шаҳид гаштаанд. Байни онҳо омӯзгороне, ки ихтиёрӣ ба ҷанг рафтаанд, низ кам набуданд. Дар ин лаҳзаҳои хотирмон ба забон овардани номи некашону пос доштани хотираашон амали хайру савоб аст.

Ҳамчунин тӯли 76 соли сипаришуда ҳазорҳо нафар иштирокдорони ҷанг зиндагии орому осударо, ки барояш ҷонбозиҳо карда буданд, тарк карданд. Он нафарони ангуштшуморе, ки дар қайди ҳаётанд, аз ғамхориҳои доимии Сарвари давлат, Ҳукумати кишвар бархурдоранду пайваста шукри оромиву осойиштагӣ, ваҳдату ҳамбастагӣ, давлати бегазанди пириро мекунанд. Даст ба дуо мебардоранд, ки набераву абераҳояшон доимо дӯстдори сарзамини хеш, идомадеҳи анъанаҳои нек бошанд, гирифтори фиребу найранги душманони миллати тоҷик нагарданд, Ватану Сарвари ғамхори онро дӯст доранд, ободкориву дурандеширо мақсаду маромии зиндагии хеш қарор диҳанд.

Ҳар як омӯзгор бояд аз сабаҳҳои таърих ибрат гирифта, дар иҷрои вазифа масъулияти бештар ҳис кунад. Онҳоеро ба шоҳроҳи зиндагӣ фотеҳаи нек диҳем, ки ба қадри зиндагии шоду хуррами имрӯза, ки бо осонӣ ба даст наомадааст, мерасанд, Ватан ҳар чӣ фармояд, онро бо ҷону дил иҷро менамоянд.

Кулли устодону донишҷӯён, собиқадорони меҳнатро бо иди Ғалаба самимона таҳниятмегӯям.

Тани сиҳат, рӯзгори обод, осмони соф, ҳамбастагиву ҳамдигарфаҳмӣ, беҳтарин хушиҳои зиндагӣ доиман насибатон бошанд.

Музаффар ХОЛИҚЗОДА, директор.

Даҳаи илм ва конференсияи байналмилалӣ

Рӯйдод

Ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик дар таълимгоҳамон аз 5-ум то 15-уми апрел даҳаи илм баргузор гардид.

Дар раванди он ҳамоишҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла конференсияи донишҷӯйӣ таҳти унвони «Мо - ворисони Сино» (кафедраи технологияҳои саноатӣ ва фанҳои табиӣ), “Ташаккули фарҳанги иҷтимоӣ, зебоишиносӣ дар замони истиқлолият” (кафедраи фанҳои гуманитарӣ); мизҳои мудаввар таҳти унвони “Мавқеи фанҳои дақиқ ва риёзӣ дар прогрессияи илмию техникӣ”, “Нақши забонҳои барномасозии муосир дар рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ” (кафедраи технологияҳои иттилооттӣ ва фанҳои физика-математика), “Ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли истиқлолият”; нишасти адабӣ таҳти унвони “Нақши Мирзо Турсунзода дар ташаккули адабиёти миллӣ” (кафедраи фанҳои гуманитарӣ); семинари омӯзишӣ барои донишҷӯён дар кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва фанҳои физика-математика; дарс-конференсия дар мавзӯи «Нақши фанни физика дар аз худ намудани кай-ҳон» аз ҷониби муаллими калон Мухторов Л.Т., дарси кушод аз фанни андоз ва андозбандӣ аз ҷониби омӯзгори кафедраи иқтисодиёт ва менеҷмент Шарифҷонов Р. дар сатҳи зарурӣ бо иштироки фаъолонаи устодону донишҷӯён шавқовару судманд доир гардиданд.

Дар нишасти илмии “Мо - созандагони оянда“, ки устодону донишҷӯёни лаёқатманд ширкат варзиданд, донишҷӯён лоиҳаҳои инноватсионии худро пешниҳод ва маҳсули эҷодашонро муаррифӣ карданд. Лоиҳаҳои донишҷӯён ба устодону мутахассисон хеле писанд омад ва ба онҳо баҳои баланд дода, барои такмили онҳо фикри худро пешниҳод карданд. Лоиҳаи инноватсионии донишҷӯйи соли якуми ихтисоси мошинҳо ва дастгоҳҳои масолеҳи сохтмон Ҳадис Қобилов беҳтарин буд ва бо диплом сарфароз гардид.

Викторина, ки бо ташаббуси устодони кафедраи иқтисодиёт ва менеҷмент Раҳимова С.Б, Бобоева Г.А ва Набиева Т.Т. байни гурӯҳҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ баргузор шуд, хеле шавқовару судманд ва хотирмон буд. Дастаҳо аз рӯйи шаш бахш: муаррифӣ, ҷавоб ба саволҳои сиёсӣ, ҷавоб ба саволҳои ихтисосӣ, ҷавоб ба саволҳои мантиқӣ, оро додани дарахти илм, пур кардани кроссворд қувваозмоӣ намуданд. Дар раванди викторина ҳамчунин бо устодон ва тамошобинон бозии шавқовар гузаронида шуд ва ба ғолибони ин бозиҳои шавқовар туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд. Дастаи “Донишманд” (гурӯҳи иқтисодӣ) бо 112 хол пирӯз гардид ва бо туҳфаи хотиравӣ қадр карда шуд.

Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворӣ, таҳвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ» анҷомбахши ҳафта гардид. Дар конференсия намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара, роҳбарону мутахассисони корхонаҳои саноатии шаҳр, устодону донишҷӯён ҳузур доштанд. Дар ҷаласаи умумӣ бо маърӯзаҳои илмӣ “Таъмин ва амнияти бехатарии озуқаворӣ - гарави саломатии миллат” д.и.б., профессор А.Муҳиддинов, “Истифодаи самараноки захираҳои семент дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ” директори заводи сементбарории ш. Исфара А.Раҳимов, “Саҳми минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” дар саноатикунонии кишвар” мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармоягузории маъмурияти МОИ “Суғд” Ҷ.Эшматов, “Саҳми ташкили фермаҳои чорводорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ”, н.и.к. М.Ҳамзаев, “30-соли фалсафаи истиқлолгароии тоҷик” н.и.таърих., дотсент У.Арабеков баромад намуданд.Баъд аз танаффус кори конференсия дар чор бахш идома ёфт.

Ба конференсия 105 мақола, аз ҷумла 12 мақола аз муассисаҳои олии кишварҳои ҳамсоя Қазоқистон ва Қирғизистон, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар пешниҳод гардид.Даҳаи илм ва конференсияи байналмилалӣ дар амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Насибахон ШАРОПОВА.

Пирӯзии навбатӣ

Дастовард

Донишҷӯйи соли аввал Асрорхон Мирзоев байни 78 нафар довталаби 28 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯйи равияи технологияҳои иттилоотӣ (тахассусӣ) дар озмуни ҷумҳуриявӣ барои дарёфти “Ҷоми раёсати ДССХ” сазовори ҷойи дуюм гардид.

23-24-уми апрели соли равон дар доираи амалигардонии дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги техникии наврасону ҷавонон ва рӯ овардани онҳо ба омӯзиши бештари илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, Нақшаи чорабиниҳои “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” бо ибтикори раёсати Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат ва дастгирии бевоситаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар барои дарёфти “Ҷоми раёсати ДССХ” баргузор гардид.

Қайд кардан зарур аст, ки дар озмуни ҷумҳуриявии мазкур тӯли 2 рӯз 78 нафар донишҷӯ аз 28 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи равияҳои математика ва технологияҳои иттилоотӣ (тахассусӣ ва ғайритахассусӣ) бо ҳам сабқат намуданд, ки донишҷӯйи соли аввал Асрорхон Мирзоев аз рӯйи равияи технологияҳои иттилоотӣ (тахассусӣ) сазовори ҷойи дуюм гардид.

Дар баробари сабқат барои истироҳати донишҷӯёну роҳбарони онҳо аз ҷониби раёсати донишкада сафари сайёҳии кӯтоҳмуддат ба минтақаи таърихии Қалъаи Ҳисор бо риояи қатъии қоидаҳои беҳдоштӣ ташкил карда шуд.

Бегоҳии рӯзи 23-юми апрел барномаи фарҳангии “Шоми дӯстӣ” дар толори фарҳангии донишкада бо пешниҳоди таронаву сурудҳои дилчасп аз ҷониби дастаи ҳаваскорони донишкада “Соҳибкор” дар сатҳи баланд баргузор гардид.

Аз шарҳи хабарнигори МД "ТВ Тоҷикистон".

Машварати навбатии шӯрои олимон

Машварати навбатии шӯрои олимон дирӯз баргузор гардид. Дар раванди он масъалаҳои “Вазъи таъминоти кафедраҳо бо маводи таълимӣ-методӣ, мувофиқати маводи омодашуда ба барномаҳои таълимӣ ва Стандартҳои давлатии таълим”, “Фаъолияти китобхона ва ҳолати китобхонаи электронӣ. Ҳолати таъминот бо китобу дастурҳои таълимӣ. Гузаронидани чорабиниҳо ва мавқеи онҳо дар таҳвияти маърифатнокии донишҷӯён”, “Фаъолияти маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ” ва масъалаҳои ҷорӣ, аз ҷумла натиҷаҳои бизнес-форуми минтақавии соҳибкорони ватанӣ дар вилояти Суғд таҳти унвони “Рушди соҳибкории инноватсионӣ”, “Низомномаи факултети иқтисодиёт ва идора”, “Низомномаи парки технологӣ”, “Низомномаи маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ” мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар раванди ҷаласа муовини директор оид ба таълим ва илм Солиев З.М., муовини директор оид ба тарбия ва тарғибот Мусаямова Қ., мудирони кафедраҳо Носиров Н., Усмонова Ш., Бобоев Л., Ҳомидов И., китобдор Артикова Н., сардори маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ Бобоев М. гузоришҳо пеш оварданд. Директори филиал Холиқзода М.Ғ. бобати ҳар масъала андешаронӣ ва вазифагузорӣ кард.

Аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Муҳаммадхоҷа ЯҲЁЕВ.

Рӯзи дарҳои кушод

Дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара 13-уми апрели соли равон “Рӯзи дарҳои кушод” баргузор гардид.

Дар раванди он устодони филиали Донишгоҳ бо намояндагон ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Исфара мулоқот анҷом дода, зимни он оид ба шароити таҳсил, имкониятҳо ва дастовардҳои филиал маълумот доданд.

Директори филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара, н.и.и. Холиқзода М.Ғ. оид ба бартарият ва интихоби дурусти касб суханронӣ кард. Хатмкунандагон бо шароити таҳсил, аз ҷумла синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, китобхона, ошхона ва дигар нуқтаҳои таълимиву тачрибаомӯзӣ ва истеҳсолӣ ошно гардиданд.

Мувофиқи маълумоти ММТ, то 24-уми апрели соли равон 1334 нафар довталаб ФДТТИ-ро интихоб кардааст, ки аз он 142 нафар интихоби якум, 148 нафар интихоби дуюм ва 123 нафар интихоби сеюм мебошад.

Семинарҳои омӯзишӣ

Маркази рушди касбият, инноватсия ва тачрибаомӯзӣ 20-уми апрел дар ҳамбастагӣ бо филиали ҷамъияти дорои масъулияташ махдуди ташкилоти амонатии қарзии хурди “Матин” бо иштироки 30 нафар донишҷӯ дар мавзӯи “Омӯз. Ҷамъ кун. Кор кун” семинар гузаронида, бобати тайёр намудани мутахассисони ҷавони ҷавобгӯйи бозори меҳнати муосир дастуру маслиҳатҳо дода шуд. Дар семинар директори ФҶДДМ ТАҚҲ “Матин” А.Исмонов, эксперти қарзӣ С.Мамадҷонов, муовини директори филиал оид ба таълим ва илм, н.и.к. З.Солиев З., мудири кафедраи иқтисодиёт ва менеҷмент, н.и.и. И.Ҳомидов, сардори маркази рушди касбият, инноватсия ва тачрибаомӯзӣ Т.Юсуфӣ, сардори шуъбаи робитаҳои хоричӣ С.Бобоев С. иштирок ва суханронӣ намуданд.

Як рӯзи Бонки хурди молиявии “Ҳумо” дар филиали Донишгоҳ 22-юми апрел бо 50 нафар донишҷӯ ва омӯзгорони кафедраи иқтисодиёт ва менеҷмент гузаронида шуд. Чорабиниро директори ФДТТИ, н.и.и. М.Холиқзода оғоз намуда, оид ба соҳаи бонкдорӣ ва хусусиятҳои он дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ сухан ронд. Сипас, намояндагони ташкилоти хурдии қарзии “Ҳумо” дар бораи маҳсулоти бонкӣ ва саводнокии молиявӣ маълумот доданд. Дар охир ба иштирокчиён сертификати омӯзиши ҳафтаи молиявӣ супорида шуд.

Таҳмина ЮСУФӢ, сардори марказ

Навиди донишгоҳ 5.2021:Layout 1 29.04.2021 9:40 Page 2

Устод Айнӣ ва пойдории забон

Забони тоҷикӣ офаридаи миллати тоҷик ва нигаҳбони ҳастии ӯ дар тӯли садсолаҳо мебошад. Дар эҳёву инкишофи ин забони ноб хизматҳои абармардони миллат - Садриддин Айнӣ ва Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қобили эътироф аст.

Дар ҳар давру замон баҳс атрофи масъалаи забон, такомулу рушди он гарм боқӣ мемонад. Дар аввали асри ХХ масъалаи забони тоҷикӣ чун тақдири миллати тоҷик хеле ҳассос ва баҳсталаб буд.

Дар таърихи пешрафту тараққиёти фарҳангу адабиёти миллати тоҷик дар асри ХХ устод Садриддин Айнӣ аввалин шахсест, ки бо асарҳои хеш хазинаи адабиётро ғанӣ гардонидааст. Тавлид ва ташаккули адабиёти навини тоҷик бо оммафаҳм кардани забон, тозагии забон ба номи ӯ сахт пайваста мебошад.

Қобили қайд аст, ки дар ин давра як гурӯҳ душманоне пайдо шуданд, ки мавҷудияти миллати тоҷик ва забону адабиёти онро инкор мекарданд. Онҳо бо баҳонаи босмачигарӣ беҳтарин ҳунармандон, фозилон, мутафаккиронро, ки дар ташаккули забони тоҷикӣ саҳм доштанд, нест мекарданд. Устод Садриддин Айнӣ дар мушкилтарин лаҳзаҳои сарнавиштсоз барои миллати тоҷик аз забони тоҷикӣ пуштибонӣ ва бо як гурӯҳ фарзандони барӯманди миллат забони ниёгони моро ҳифз кард. Устод ба муқобили ин ҷараёни носолими туркгаро бархоста, мақолаҳои зиёди илмӣ навишт ва китоби “Намунаи адабиёти тоҷик”-ро соли 1926 иншо намуд. Устод дар ин асар исбот кард, ки тоҷикон мардуми таҳҷойии ҳамин зарзамин (Мовароуннаҳру Хуросон) буда, забону фарҳанг ва адабиёти қадима доранд. Дар ин асар намунаҳои зиёде аз эҷодиёти адибони пешин ва ҳамзамонаш оварда исбот менамояд, ки чароғи илму адабро кайҳо дар ин сарзамин устод Рӯдакӣ, Кисоии Марвазӣ, Абуҳафси Суғдӣ ва дигар адибон фурӯзон карда буданд. Садриддин Айнӣ пешвоии аҳли илму адаби тоҷикро бар дӯши худ гирифта, барои пойдории забону миллат мубориза бурда, дар ин масъала ба ҳама мушкилию монеа наҳаросида кор кардааст.

Дар он даврони тақдирсоз устод Айнӣ бо мақолаҳо ва баромадҳо аз миллату забони тоҷикӣ ҳимоят намудааст. Барои исботи ин гуфтаҳо ручӯъ ба мақолаҳои устод “Масъалаи маориф ва китоб” (соли 1921), “Қавми тоҷик ва рӯзнома” (соли 1924), “Дар атрофи забони форс ва тоҷикӣ” (соли 1928), “Забони тоҷикӣ” (1928) кифоят мекунад, то дарк намоем, ки ӯ барои дифоъ ва рушду нумӯи забони адабии оммафаҳми тоҷикӣ чӣ заҳматҳо кашидааст. Чунончи устод бо

Пажӯҳиши устодон

далелу бурҳон исбот менамояд, ки барои такомули як забони умумимиллӣ бояд “вазифаи аввалини мо равшан кардани фикри авоми тоҷик, паҳн кардани илм ва дониш дар байни оммаи тоҷик ва оммагӣ кардани инқилоби маданӣ дар байни тоҷикон аст”.

Устод дар мақолаи “Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ” бо далелҳои илман асоснок собит менамояд, ки забони гуфтугӯйии тоҷикон аз ҷиҳати луғат ва хосиятҳои забони “Шоҳнома”-ро ба ёд меорад. Ин даъвои худро бо иқтибос аз китоби шарқшиноси маҷорӣ Ҳерман Вамберӣ “Таърихи Бухоро ё худ Мовароуннаҳр” тақвият медиҳад: “Шеваи ҳозираи форсии Осиёи Миёна аз ҷиҳати луғат ва аъроб ба ҳамаи шеваҳои дигар дида хосиятҳои форсии қадимро бештар нигоҳ доштааст. Агарчи форсиёни Осиёи Миёна аз бисёр асрҳо боз ҳамеша дар миёнаи туркон бошанд ҳам, содагии забонро нигаҳдорӣ кардаанд...”.

Устод дар мақолаҳояш барои исботи фикраш аз адабиётҳои гуногун мисолҳои мушаххасро иқтибос оварда, намунаҳои айни замон мавриди истеъмол будаи калимаву ибора ва таъбирҳои дар музофотҳои гуногуни тоҷикнишин ва мавриди истифодаи онро нишон медиҳад. Ӯ вожаи “тоҷик”-ро хеле хуб таҳлил карда, бо далелҳои қавӣ исбот сохта, ба хулосае омадааст, ки он аз вожаи “тоҷ” гирифта шудааст. Ва дигар хизмати бузурги Айнӣ дар пойдории забони тоҷикӣ дар он аст, ки бо осори бадеият – қиссаву романҳои “Одина”, ”Дохунда”, “Ятим”, “Ғуломон”, “Ёддоштҳо”, “Марги судхӯр” кӯлвори вожаҳои забонро аз дурдонаҳои суфтаву пурҷило ғанӣ гардонида. тавонист асолат ва шевоии забони тоҷикро нишон диҳад.

Устод бо ҳама хидматҳои худ забони тоҷикиро мақоми хос бахшида тавонист. Талошҳои ӯ буд, ки забон қомат рост намуд ва он забон ба мо мулку соҳибихтиёриву ном дод. Сарвари давлат ин хизматҳои қиёнашаванда ва ҷонфидоиҳои устодро дар пойдории миллати тоҷик ва рушди забону адабиёт ба ҳисоб гирифта, пас аз истиқлолияти давлатӣ аввалин шуда, ба ин бузургмард унвони Қаҳрамони Тоҷикистонро сазовор донистаанд.

Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ва кӯшишу талошҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон тоҷикон яке аз халқҳои хушбахт ва сарбаланд гашт. Мо, ки як ҷузъи тамаддуни ҷаҳон ҳастем, бояд таърихи халқи худро воқеъбинона ва беғаразона омӯзем ва мақому манзалати хешро дар арсаи байналхалқӣ боз ҳам боло бардорем. Ба ҷаҳониён шиносонем, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар муддати кӯтоҳ ба чӣ дастовардҳо ноил гардид ва чӣ ояндаи дурахшоне дорад.

Ин нукта низ шоистаи таъкид аст, ки устоди зиндаёд Муҳаммадҷон Шакурии Бухорӣ ба заҳматҳои Пешвои миллат бар ин замина баҳогузорӣ карда, кору пайкори ишонро бо талошҳои устод Айнӣ, ки даҳаи сиюми садаи ХХ барои аз осебҳо раҳо додани забони тоҷикӣ мубориза мекард ва шогирдону пайравонаш, ки талошҳои ӯро идома доданд, қиёс намуда гуфта буд: “Талошҳои С.Айнӣ ва пайравони ӯ ранги хусусӣ дошт, талоши шахсӣ буд. Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон он талошҳои хусусии Айнӣ ва пайравонашро ба сатҳи давлатӣ бардоштанд”.

1. Он кас аз рӯзҳои нахусти ба мақоми роҳбарӣ расидан тақдири давлату миллат ва забони давлатиро бо ҳам тавъам шуморида, бақои давлатро дар паноҳи забон ва забонро дар паноҳи давлат эълом доштанд ва кӯшиданд, ки идомабахши кори устод бошанд.

2. Ҷилваи ҷамоли забони модарӣ дар суханрониҳо дар вохӯрӣ бо аҳолӣ ва дар баландтарин минбарҳои ҷаҳон, силсилаи асару мақолаҳои Пешвои миллат завқи забондонию забономӯзиро дар дили хурду калон бедор карда, ҳисси ифтихору муҳаббатро ба ин забон фурӯзон намуд.

3. Бори нахуст дар таърихи нави давлатдории Тоҷикистон бо салоҳдиди Пешвои миллат Кумитаи забон ва истилоҳот дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

4. Соли 2008 Соли бузургдошти забони тоҷикӣ эълон гардид, ба ривоҷу равнақ ёфтани забони тоҷикӣ мусоидат кард.

5. Инчунин дар роҳи бунёди давлати миллӣ зарурате пеш омад, ки қонуне қабул карда шавад. Бино бар ин, 5-уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ” дар таҳрири нав аз тарафи Пешвои миллат ба имзо расид ва ин таърих рӯзи азиздошти забони модарӣ муқаррар гардид.

6. Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016, ки 30-юми июни соли 2012 қабул гардид, дурнамои рушди забонро барои солҳои минбаъда дар бар гирифт. Ҳадаф аз ин барнома асосан нигоҳ доштани асолат ва ҳувияти забони модарӣ чун омили ҳастӣ ва бақои миллат дар рӯзгори мо мебошад.

Ин кӯшишу талошҳои бузургон дар пойдорӣ ва ҳувияти забон мо – насли ҷавонро вазифадор менамояд, ки ба қадри заҳматҳои онҳо бирасем, дар покизагӣ ва асолати забон кӯшида, дар рушд ва ба мақоми баланд расонидани он ҳиссагузор бошем. Дар навбати худ, мо низ ин забони ноби пургуҳарро бо ғановати бештар ба наслҳои оянда ба мерос гузорем.

Наргис РИЗОБОЕВА,
муаллими калон.

Мирзо Турсунзода – муаррифгари миллат

Дар садаи бист, ки давраи тағйироти куллии сиёсӣ, мафкуравӣ, илмӣ, фарҳангӣ, ҳунарӣ, эҷодӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буд, чеҳраҳои таъсиргузори миллӣ, назири устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турзунзода ба арсаи таҳаввулоту таҷаддудот ворид гардиданд ва ба ҷаҳду талошҳои фаровон дар радифи шахсиятҳои ҷаҳонӣ қарор гирифтанд. Агар устодон Айниву Лоҳутӣ дар давраи нави таърихӣ чароғи маънавияти тоҷикро афрӯхта бошанд, устод Мирзо Турсунзода он рӯшаниро қувват ва мудовимат бахшид.

Мирзо Турсунзода ба сифати муборизи ростини роҳи сулҳ ва дӯстии халқҳо ба бисёр мамлакатҳои ҷаҳон сафар карда, аз минбарҳои баланди байналмилалӣ сухан мегуфт, Тоҷикистон ва халқи тоҷикро чун миллати сулҳпарвар, башардӯст ва фарҳангию хирадманд ба тамоми дунё машҳур сохт.

Устод дар ҳама сафарҳояш бо Ватан ҳамнафас буд ва ёди Ватан ӯро пайваста ҳамсафарӣ мекард.

Ба истиқболи 110-солагӣ

Ба мисли гӯшту нохун
ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчи нисфи умри беҳтаринам
дар сафар бигзашт.

Эҳсоси ватандӯстии шоири шаҳир чунон самимӣ ва завқи зебоописандиаш чунон равшан буданд, ки Тоҷикистон дар назари ӯ мамлакати тиллоӣ менамуд. Шоир Ватанро такягоҳи муқтадире медонист, ки мегӯяд “халқ аз вай сарбаландиҳо ба даврон мекунад”.

Шоири бузург халқро дар ҷонсахтию матонат ҳамчун оҳан, Ватанро дар меҳрубонӣ, зебоӣ ва қудрат ба мисли оҳанрабо тасвир мекард. Рангу бӯйи дилкаши Тоҷикистон, ки шоири ҷаҳонгашта онро биҳишти бемисол меномид, боиси ифтихори миллӣ ва сарфарозии ӯ буд. Муҳаббати поки устод Турсунзода ба сарзамини аҷдодӣ, обу хоки Ватан, бешубҳа, барои наслҳои зиёди миллат ҳамчун намунаи олии ибрат хизмат хоҳад кард.

Мазмун ва эҷодиёти ин шоири забардасти тоҷикро ваҳдати халқҳои олам ва фаъол сохтани неруҳои азими моддию маънавии онҳо дар роҳи сулҳ, тараққиёти иқтисодӣ, пешрафти иҷтимоии инсоният ташкил медиҳад. Мирзо Турсунзода нақш ва аҳаммияти адабиётро, пеш аз ҳама, дар ҳамин медонист.

Шоир дар асарҳои худ нишон медиҳад, ки муносибатҳои дӯстона ва эҳсоси баланди инсонпарварии тоҷикон ҳамеша таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба халқи тоҷик бедор мекард, мардумони гуногунмазҳабу гуногунзабони олам нисбат ба мо дар дили худ ҳисси эҳтиром ва дӯстӣ мепарвариданд.

Устод ба сифати сафири сулҳи шӯравӣ на танҳо сиёсат ва мафкураи шӯравиро таблиғ кард, балки фарҳанги тоҷикиро ба дуриҳои дур интиқол дода, ҳувияту ҳайсияти тоҷику тоҷикистониро ба намояндагони миллатҳои гуногуни сайёра ошно намуд. Шоир ба ҳамватанони худ муроҷиат менамояд, ки дилро аз кинаю адоват, шубҳаю нобоварӣ покиза нигоҳ доштан лозим аст. Дилро пур аз меҳру вафо сохтан ва ошёни зиндагиро низ дар дили инсон гузоштан даркор аст, зеро дар ҷаҳон мақоми баландтаре аз дили инсон вуҷуд надорад.

Инсон бузургтарин ва нодиртарин муъҷизаи табиат аст. Бино бар ин, Мирзо Турсунзода ба инсон ва моҳияти ҳастии ӯ аҳаммияти калон медиҳад. Дар шеъру достон ва асарҳои драмавию филмномаҳои ӯ инсон бо тамоми паҳлуҳои фаъолияташ, дунёи ботинӣ ва зоҳирӣ, рисолати иҷтимоӣ, олами рангини рӯҳию ахлоқӣ, меҳнат ва муҳаббаташ ба тасвир омадааст.

Мавзӯъҳои асосии эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода ситоиши дӯстиву бародарӣ, озодиву истиқлолият ва мубориза алайҳи низоъангезону тахрибкорон мебошад, ки имрӯзҳо дар замони мо аз аҳаммият холӣ нест. Осори шоир насли наврасро ҳушдор медиҳад, ки дар ҳимояи Ватан, ҳувияти миллии хеш ҳушёр, зирак ва дурандеш бошанд.

Дар достони “Чароғи абадӣ” бошад, шоири қадршинос симои нуронии мураббии забардасти худ устод Садриддин Айниро ба тасвир кашидааст. Ин донишманди маъруф, поягузори адабиёти муосири тоҷик, нахустин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистонро дар ҳаёти маънавии ҷомеаи мо нишон медиҳад. Дар як рӯзи моҳи апрели соли 1953 дар ҳаёти Турсунзода ду воқеаи муҳим рух медиҳад: субҳ дар хонаи шоир писар ба дунё меояд ва андаке баъдтар устод Айниро, ки ба Душанбе омада буданд, пазирой мекунад. Ин ду воқеа асоси мавзӯи “Чароғи абадӣ” мегардад ва дар чор боби достон “Интизорӣ”, “Мулоқоти якум”, “Мулоқоти дуюм”, “Дар боғ” симои хирадмандонаи устод ба назар мерасад.

Достони “Ҷони ширин” мавзӯъҳои гуногунро фаро гирифтааст. Махсусан, сулҳ, дӯстӣ ва ватанхоҳӣ дар ин асар мавқеи босазо доранд. Шоир масъалаҳои сулҳу дӯстиро тавъам медонад ва онҳоро якҷо мавриди тасвир қарор медиҳад:

Ҷони ширин, бин, чӣ сон сулҳ аст зӯр,
Бин, чӣ сон шуд дӯстӣ моро зарур.

Қаҳрамонони устод Турсунзода одамони озоде ҳастанд, ки ҳастии худро ба хизмати халқу Ватан бахшидаанд. Онҳо ҳар қадар ки ба Тоҷикистон ва инсонияти мутамаддин хизмати шоиста анҷом диҳанд, ба ҳамон андоза худро озод ва хушбахт эҳсос менамоянд.

Мирзо Турсунзода адиби муборизу, шахсияти барҷаста ва инсони нақиб аст. Бегазанд мондани ном ва осори Мирзо Турсунзодаро ҳаёт ба хубӣ собит менамояд, муҳимтар аз ҳама, шеъри ӯ пайваста вирди забони мардуми тоҷик аст.

Шоира АБУЛЛОЕВА, омӯзгори калон.

Маъно ва ҳадафи зиндагӣ

Инсон арзиши олитарин, ягона ва офаридгори тамоми музаффариятҳои тамаддуни инсонӣ, маркази ақлу хирад дар олами ҳастӣ мебошад.

Инсон падидаи нодири олам аст, ки ҳамчун мавҷуди биологӣ, ҳам мавҷуди иҷтимоӣ ва ҳам мавҷуди бошуур шинохта шудааст.

Инсон пайваста дар талоши пайдо кардани маъно ва ҳадафи зиндагист. Маъно ва ҳадафи зиндагӣ мафҳуми меъёриест, ки ба ҳар як низоми пешрафтаи ҷаҳонбинӣ хос буда, меъёрҳои махсуси аҳлоқиро асоснок ва шарҳу тафсир намуда, роҳҳои чӣ гуна ва барои чӣ зиндагӣ намуданро муайян менамояд. Ҳар як инсон ба андозаи дарки олами иҳотакардаи ҳастии худ маъно ва ҳадафи зиндагиашро муайян мекунад. Яке аз ифодаҳои табиии инсон ин эҳсоси шадиди зиндагӣ кардан мебошад. Рафторҳои амалии инсон бошад, инъикоскунанда ва ифодакунандаи ҳадафмандии ӯст. Маъной ҳадафмандӣ доштани

Андешаи равоншинос

зиндагии мақсаднок аст, ки боло рафтанро аз ҳолатҳои бадастоварда ба сӯйи муваффақиятҳои нав ва нав тақозо менамояд. Инсон дар сиришти худ хоҳиш, шавқу рағбати донистан, фаҳмидан ва дарк кардани маънии зиндагии хеш аст ва барои расидану дарки ҳадафмандӣ, роҳу воситаҳои дастрасро ҷустуҷӯ мекунад ва барои расидан ба он тамоми пастиву баландӣ, дарду алам ва нокомиву нумедиҳоро таҳаммул ва худро ба худшиносиву худтарбиякунӣ водор мекунад.

Ҳадафмандӣ дар маъной зиндагӣ дар баъзеҳо саъю талош барои ба даст овардани шуҳрат ва эътироф таҷассум меёбад. Агар инсон бовар дошта бошад, ки ҳамасрон ва наслҳои минбаъда номи ӯро фаромӯш нахоҳанд кард, дар он ҳолат зиндагии ӯ ба фазли дар шуури дигарон инъикос ёфтани он дорои маъной муайян мегардад.

Аммо дар баъзеҳо молику соҳиб будан ба неъматҳои моддӣ, сарвату бойигарӣ, моликият ва нуфуз аст, ки дар ин ҳолат дар шуури инсон таҳаввулоти азиме ба вуҷуд меояд: васоити барои мавҷудият зарури маъной ҳастиро ташкил медиҳанд. Албатта, инсон бояд зиндагии хуб дошта бошад, аммо некуаҳволии моддӣ худ ба худ танҳо замоне маъно пайдо мешавад, ки вай шарти ба камолот расонидани соҳиби он шуда тавонад ва ё имкони ба дигарон хайрхоҳӣ намудан ва барои инкишофи ҷомеа ва фарҳанг мусоидат кунад.

Ҳадафмандӣ ва маъной зиндагиро воситаи ягонаи қонеъ намудани саъю талошҳои ҳар як инсонро барои хушбахтӣ дар танҳо дар ишқ донистаанд.

Мавқеъҳо, ҷаҳонбиниҳо, фаҳмишҳо, даркҳо ва ҳиссиёту эҳсосоти одамон гуногунанд. Масалан, рӯҳониёну диндорон маъно ва ҳадафи офаринишро дар он мебинанд, ки инсон тавассути ҳама неруҳо ва истеъдодҳояш бояд Худоро шиносад ва ин раванди шинохт бояд бо анҷом додани амалҳои хайр, ахлоқи ҳамида, ситоишу шукргузорӣ, ибодати мунтазаму пайваста, корҳои савоб, ба даст овардани ризояти Худо ва ғ. анҷом ёбад.

Инсон табиатан ҳеҷ гоҳ аз муваффақиятҳои бадастовардаи худ ором намегирад ва барои музаффариятҳои навбатии худ зинаи пешрафти минбаъдаи худро ба назар мегирад.

Яке аз асрори ин мавҷудоти заминӣ тафовути муҳимтарини инсон аст, ки шахсияти ӯро ташаккул медиҳад. Вақте инсон тасаввуротро дар бораи “ман”-и худро пайдо мекунад, мақоми ӯро аз тамоми мавҷудоти заминӣ болотар мебардорад.

Маънии ҳаёт ва ҳадафмандӣ на дар беруни ҷисми инсон, балки дар дохили ҷисми инсон ҷойгир буда, бо шахсияти ӯ, ба моҳияти аслии ӯ айнияти дорад. Омиле, ки маънии зиндагиро ташаккул медиҳад, ғояест, ки шакли қонуни ахлоқиро қабул мекунад. Ғояи қарзе мебошад, ки ба сатҳи дараҷаи камоли олӣ расонида шуда, инсон онро дар ботини худ аз сар мегузаронад.

Ин ҷо сухан танҳо дар доираи мавзӯи мавриди назар, яъне маъно ва мақсади зиндагӣ меравад. Барои мо кифоя аст, ки майлу хоҳиши ҳар мавҷуди зиндаро барои зиндагӣ эҳсос намоем, ки барои ҳар як мавҷуди зинда он муқаддас мебошад ва туфайли он дорои эҳсос, завқу ҳаловат, ғамгиниву шодӣ, бо гиряву ханда дар роҳҳои гуногун ва фарозу шеби зиндагӣ сарсону саргардон мебошад. Вале одамон ҳаргиз намехоҳанд, ки бо надоштан ва ё аз даст додани маъной зиндагӣ хотирашонро ҷамъ намоянд ва барои ҳамин ҷустуҷӯйи худро идома медиҳанд

Ф. МАМАДҶОНОВА, омӯзгор.

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад
НАВИДИ ДОНИШГОҲ
Моҳномаи филиали ДТТ дар шаҳри Исфара № 1 (1) марти соли 2013

Ҳайати эҷодӣ:
И. Пӯлодов,
Н. Ризоева,
Ф. Мамадҷонова.

Мушовирон:
М. Холиқзода,
З. Солиев,
К. Мусаямова,
Н. Шаропова.

Минбари озоди устодон ва донишҷӯён
Суроғ:
ш. Исфара, кӯчаи Абдурасул Ҷӯраев, 52

Теъдоди нашр 50 нусха.
Дар ҶСК
“Набӣ Фахрӣ”-и шаҳри Конибодом чоп шудааст.
Супориши _____

Телефонҳо:
2-33-51, 2-23-95.
92 729 03 33
E-mail:
x-marifat@mail.ru